**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҚАРОР**

Дар бораи гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва моддаи 106 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Аз 15 то 20 феврали соли 2021 иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад.

2. Ҳайати комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамоҳангсозии гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва тасдиқ намуда, сари вақт онро ба маълумоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои масъули тандурустии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ расонад;

- бо риояи шароити занҷири хунукитаъминкунанда ваксинаи ғайрифаъолкардашудаи зидди бемории фалаҷро сари вақт ба муассисаҳои тандурустии дахлдори шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дастрас намуда, иммунизатсияи кӯдаконро таъмин намояд.

4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқarrаргардида барои муташаккилона ва бомуваффақият гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни тарбиятгирандагони муассисаҳои томактабӣ ҳуҷраҳои алоҳида ҷудо намояд.

5. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиши барномаҳоро бахшида ба иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми чорабинии мазкур таъмин намояд.

6. Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарғиботи муҳимияти иммунизатсия бар зидди бемории фалаҷ дар байни аҳолӣ иштирок намояд.

7. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:

- ба гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намоянд;

- аз ҳисоби ташкилотҳои зертобеъ воситаҳои нақлиётии иловагиро. ҷудо карда, онҳоро бо сӯзишворию равғанҳои молиданӣ таъмин намоянд;

- оид ба иҷрои қарори мазкур ҳамарӯза ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

8. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз анҷоми иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 15 рӯз оид ба натиҷаҳои баргузории он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 6 феврали соли 2021, № 15
ш. Душанбе

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 6 феврали соли 2021, №15

**Ҳайати комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба ҳамоҳангсозии гузаронидани иммунизатсияи иловагӣ бар зидди бемории фалаҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини раиси комиссияи ҷумҳуриявӣ - вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

котиби комиссияи ҷумҳуриявӣ - директори генералии муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аъзои комиссия:

- вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- сардори намояндагии Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа);
- сардори намояндагии Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мувофиқа).